ХУЛОСАИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич дар мавзуи «Ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди истифодаи озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 - Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (биология))

Он тағйирот ва афсурдаҳолие, ки ҷамъияти инсониро дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI фаро гирифт, ба тезутунд гардидани муносибатҳои ҷамъиятӣ, хусусан ба мураккаб гардидани муносибат дар бозори меҳнат боис гардидаанд. Чунин вазъ бештар ба ҷавонон ва шахсони миёнасол таъсири манфии худро расонид, зеро ба ин табақаи аҳолӣ сатҳи баландтарини фаъолияти меҳнатӣ ва ҷамъиятӣ рост меояд.

Вобаста ба таҳлил ва таҳқиқи муҳаққиқон сабаби ба ин гуна ҳолатҳои ногаҳонии ба амал оянда дар шароити ҷамъиятӣ-иқтисодӣ ва муносибатҳои меҳнатӣ дучор гардидан, ин зуд мутобиқ гардида натавонистани шахсият ва ё гурӯҳҳои одамон мебошад. Маълум аст, ки дар чунин вазъ фаъолияти ҷуяндагӣ-таҳқиқотии шахсият фаъол гардида, онҳое, ки дорои маҳорату малакаҳои муайяни соҳавианд аз чунин ҳолати ногувор ва мушкилӣ бемаъмоният баромада метавонанд. Ин фаъолиятҳо танҳо дар сурати доштани маҳорату малакаҳои таҳқиқотӣ самаранок гардида, ниёзҳои инсонро қонеъкунанда мегарданд, ки ташаккулёбии онҳо ҳануз аз синфҳои ибтидоӣ оғоз мегардад.

Диссертатсияи Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич дар мавзуи «Ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди истифодаи озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ» дар кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба иҷро расонида шудааст.

Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич соли 1994 шуъбаи география-биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро хатм намуд. Дар давраи омодасозии диссертатсия унвонҷӯ ба сифати муаллими калони кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии ҳамин донишгоҳ кору фаъолият намудааст.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқотии унвонҷӯ бо он асоснок мебошад, ки қабули стандартҳои нави таълимӣ, нав гардидани сохтори китобҳои дарсӣ, татбиқшавии шаклҳои нави таълимӣ талаботҳоеро ба миён овардаанд, ки аз субъектҳои таҳсилот муносибатҳои наврo тақозо менамоянд.

Диссертант маводҳои заруриро, ки адабиётҳои соҳавии педагогӣ, психологӣ ва фанҳои табииро дар бар мегирад, дақиқкорона интихоб ва ҷамъоварӣ намуда, таҷрибаи кофии бурдани таҳқиқоти илмиро оид ба

мавзуи рисола, ҳосил намуд. Муайян кард, ки дар замони муосир барои шахсият доштани донишҳои энсиклопедӣ кифоя набуда, шахс бояд дорои сифатҳое гардад, ки барои ҳалли дилхоҳ мушкилии баамалоянда ин донишҳоро равона ва мутобиқ намуда тавонад.

Дар кори диссертатсионии мазкур диссертант доираи васеи имкониятҳои кӯдакро, ки истифода нашуда мемонанд, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, нерӯи баланди таълимию тарбиявии фаъолиятҳои мустақилонаи озмоишии хонандаи хурдсол, роҳҳои ҳамгиро гардонидани ин фаъолиятҳоро бо раванди таълим амалан мавриди озмоиш қарор дод.

Унвонҷӯ бо истифода аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотҳои олимони соҳаи педагогика ва психология дар самти фаъолиятҳои таълимию таҳқиқотии хонандагон, ба хулосае омад, ки самараи он ташаккулёбӣ ва инкишофи маҳорату малакаҳои таҳқиқотчигӣ мебошад ва он дар ниҳояти кор ба ташакулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотӣ оварда мерасонанд. Муайян намуд, ки амалинамоии фаъолиятҳои амалию ақлонӣ, бо истифода аз роҳу усулҳои махсуси таҳқиқотии барои кӯдак дастрас ва имконпазир, ки барои ба даст овардани донишҳои нав равона карда шудаанд, аз равандҳои ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои таҳқиқотӣ ба шумор мераванд. Муайян намуд, ки ин раванд марҳиланок гузашта, якчанд марҳилаҳоро дар бар мегирад: ташкилӣ-амалӣ, ҷӯяндагӣ, ахборотӣ ва рефлексивӣ.

Табаров Дилшод дар раванди фаъолияти таҳқиқотиаш худро бисёр меҳнатдӯст, босабру субот ва дорои маҳорати баланди таҳқиқотчигӣ, ки ба як унвонҷӯй хос аст, нишон дод. Дар раванди фаъолияти илмӣ – таҳқиқотиаш, роҳу усулҳои гуногуни гузаронидани таҳқиқотро, махсусан методи ҷамъоварии ахборотро аз худ карда, адабиётҳои илмии ҷамъовардаашро омӯхта таҳлил ва хулосабарорӣ карда тавонист. Ба ҳаҷми зиёд ва мураккабии кор нигоҳ накарда диссертант тавонист, фикру ақидаҳояш ва раванди гузаронидани озмоиши педагогӣ-психологиро ба тафсил амсиласозӣ кунад, маҳаки асосии проблемаро дарк намуда, масъаларо аз мавқеъҳои гуногун бозомӯзӣ намояд. Имкон ёфт ба мақсади гузошташуда ноил гардад, ки инро натиҷаҳои озмоиши дар муассисаҳои таълимӣ гузаронидааш исбот менамоянд.

Натиҷаҳои ҷамъбастии раванди таҳқиқот хулосабарорӣ гардида, ба муаллимон ва кормандони шуъбаҳои маориф, донишкадаҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи таҳсилот тавсияҳои илмӣ-амалӣ дода шуда, зикр намудааст, ки нақши фаъолиятҳои берунасинфии таълимӣ, махсусан озмоишҳои хонагӣ дар самти ба маҷрои зарурии таълимӣ равона кардани фаъолиятҳои мустақилонаи кӯдак дар хона аҳамияти боуфузи таълимию тарбиявӣ дошта, боз масъалаҳоеро ба миён меоварад, ки таҳқиқоти тозаро дар илмҳои педагогӣ тақозо мекунанд.

Натиҷаҳои асосии кор ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Табаров Дилшод дар маҷаллаҳои илмӣ ва конференсияҳои

баналмилалию ҷумҳуриявӣ пешниҳод карда, шунида шудаанд. Ӯ 19 мақолаи илмӣ вобаста ба кор чоп кардааст, ки аз он 10 мақолааш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия чоп гардидаанд.

Кори диссертатсионии Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич дар мавзуи «Ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди истифодаи озмоиши хонагӣ аз фанни табиатшиносӣ» кори илмӣ-таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта буда, масъалаи мубрами рӯзро таҷассум менамояд. Кори диссертатсионӣ дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, ба меъёрҳои муайянкардаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 - Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (биология)) ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ онро барои ҳимоя намудан пешниҳод менамоем.

Роҳбари илмӣ:
Номзади илмҳои педагогӣ, мудири
кафедраи методикаи таълими химияи
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Алимов Сироҷиддин Шералиевич

Мушовири илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессори
кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Раҷабов Тағоймурод Бобоқулович

**Маълумот барои тамос:** 734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121. ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.
Тел: +992 37 224-13-83. e-mail: tgpu2004@mail.ru

Имзои Алимов С.Ш. ва Раҷабов Т.Б.-ро
тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ: А. Мустафозода